СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

Ташкилоти Ҷамъиятии Ҷумҳуриявии
Republican Public Organization

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, кӯч. Айни, х. 13Б, хуч. 2 тел: (+992 37) 2218228, e-mail: tajikistan@afew.tj
apt.2, bld.13B, Ayni Str.734042, Dushanbe Tajikistan tel: (+992 37) 2218228, e-mail: tajikistan@afew.tj

Ба директори Муассисаи давлатии
«Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва
мубориза бар зидди СПИД»
Каримов С.С.

ш. Душанбе
№ содира 034
аз «07» майи соли 2015

Мӯҳтарам Сайфуддин Сайтоҷович,

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарку Ғарб - Тоҷикистон» (СФШҒ) ба Шумо эҳтироми баланди худро баён намуда аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки имконияти иҷозат додани ба ташкил ва гузаронидани машваратдиҳии тотестӣ ва ташхиси фаврии (экспресс-тест) ВНМО-ро дар назди Намояндагии СФШҒ, ки дар вилояти Хатлон фаъолият менамояд, дида мебаромадед.

Маркази вилоятии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД дастгириро барои гузаронидани тести фаври оиди ВНМО дар Намояндагии СФШГ изҳор намудааст.

Аз фурсат истифода бурда, ТҶҶ «СПИД Фонд Шарку Ғарб - Тоҷикистон» бори дигар барои дастгирии чорабиниҳои ташкилот миннатдории худро изҳор менамояд.

Дар замима: Дархости Намояндагии СФШҒ дар вилояти Хатлон ва ҷавоби Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и вилояти Хатлон.

Бо эҳтиром,

Директор И. Ибрагимов

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ ПЕШГИРИ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ СПИД ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

735140, ш./г. Қӯрғонтеппа, к./ул. С.Айни, 90, тел: (3222) 2-42-32; факс: (3222) 2-42-32

аз «29» 04 с. 2014 №112 ш.Қӯргонтеппа

Ба Ҳамоҳангсози Намояндагии ТҶҶ
«СПИД Фонд Шарку Ғарб –Тоҷикистон»
дар вилояти Хатлон Саитов А.А.

Оиди мактуби Шумо аз 29.04.2015, №2/6-3

Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД дар вилояти Хатлон аз фурсати муносиб истифода намуда, барои ҳамкорӣ дар иҷрои карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 №562 «Дар бораи тасдиқи Барнома оид ба муковимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015» минатдории изҳор менамояд.

Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД дар вилояти Хатлон, ба Намояндагии Ташкилоти ҷаъмиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарку Ғарб – Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон, бинобар доштани кормандони пуртаҷриба оиди ВНМО/БПНМ, аз ҷумла Норкулов Т., н.и.т. ва Алимова Қ., таҳлилгар, тесткунонии ихтиёрии мизоҷонро бо усули фаврӣ оиди ВНМО розигӣ медиҳад.

Гирифтани розигии муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО лозим мешуморад.

Бо эҳтиром,

Директор Давлатов А.Х.

СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

Намояндагии Ташкилоти Ҷамъиятии Ҷумҳуриявӣ дар вилояти Хатлон
Representative office of Republican Public Organization in Khatlon region

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, вилояти Хатлон, ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Лоҳутӣ, х. 9, тел.: (8-3222) 2-41-72; e-mail: khatlon@afew.tj
Bld. 9, Lokhuti str., 735140, Qurghonteppa, Khatlon region, Republic of Tajikistan, tel.: (8-3222) 2-41-72; e-mail: khatlon@afew.tj

Сод.№ 2/6-3 аз 29.апрели с.2015.

Ба директори Маркази пешгирӣ ва
мубориза бар зидди бемории ВНМО
дар вилояти Хатлон Давлатов А.Х.

Мӯҳтарам Акрам Хонакович,

Намояндагии Ташкилоти ҷаъмиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон аз фурсати муносиб истифода намуда, барои ҳамкорӣ дар иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 №562 «Дар бораи тасдиқи Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015» эҳтиром ва миннатдории худро изҳор менамояд.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии ВНМО, Намояндагии мо дар вилояти Хатлон лоиҳаҳои муштаракро амалӣ намуда, бо гурӯҳҳои аҳолии хатари зиёди сироят бо ВНМО дошта, аз ҷумла, нашъамандони тазрикӣ, расонандагони хизматҳои шаҳвонӣ, маҳбусон, собиқ маҳбусон, мардони бо мардон алоқаи ҷинсӣ дошта корбарӣ менамояд. Бо онҳо дарсҳои омӯзишӣ - иттилоотӣ, маъракаҳои пешгирии ВНМО, машваратдиҳӣ оиди ВНМО, пешниҳоди роҳхат барои гузаштан аз тесткунонии ВНМО, расонидани дастгирии пайравӣ ба табобати зиддиретровирусӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ корбарӣ менамояд.

Мутаассифона шумораи зиёди мизоҷони аз гурӯҳҳои аҳолии зикр намуда, аз гузаштани тесткунонӣ оиди ВНМО берун аз ташкилоти мо даст мекашанд ва мушкилоти сари вақт ошкор гардидани сирояти ВНМО-ро пайдо менамоянд.

Намояндагии мо метавонад мушкилоти мавҷударо бартараф намояд, чунки мутахассисон ва шароити лозимӣ дорад.

Дар Намояндагӣ 2 нафар мутахассисони пуртаҷриба оиди ВНМО/БПНМ, аз ҷумла мутахассиси лоиҳаҳо - Норқулов Т., н.и.т. ва корманди иҷтимоии - Алимова Қ., таҳлилгар фаъолият менамоянд. Онҳо дар маркази СПИДи вилояти Хатлон ва нуқтаи боварӣ барои нашъамандони тазрикӣ фаъолият намудаанд ва доир ба гузаронидани машваратдиҳӣ ва тесткунонии ВНМО дониш ва таҷрибаи кофӣ доранд.

Бинобар ҳамин, аз Шумо эҳтиромона хоҳиши дастгириатонро доир ба гузаронидани тесткунонӣ бо усули фаврӣ (экспресс тест) оиди ВНМО дар Намояндагии мо пурсон мебошем.

Ҳисоботҳои омории ташхисҳои гузаронида ҳар моҳ дар шакли №4 ва дар ҳолати пайдоиши натиҷаи мусбии усули фаврӣ, намунаи хуни мизоҷ барои гузаронидани таҳлили иммуноферментӣ ба маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД дар вилояти Хатлон пешниҳод карда мешавад.

Бо эҳтиром,

Ҳамоҳангсоз Саитов А.